**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015**
**назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон**
**ба номи академик М.С. Осимӣ.**
**(734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, хиёбони**
**академикҳо Раҷабовҳо -10 а.)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод гардидааст**

Фаъолияти иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати энергетика аз рушди инфрасохтори онҳо вобастагии зиёд дошта, дар раванди таъмини самаранокии баланди корхонаҳои соҳаи энергетика, бунёди иқтидорҳои энергетикии нав, инчунин таъмини мувозинати рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мамлакат рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ҳамчун объектҳои бунёдиву ёрирасон дониста мешаванд. Вобаста ба вазъи имрӯзаи бозори энергетикӣ, бахусус дар Тоҷикистон фарсудашавии сармояи асосӣ ва косташавии иқтидори техникӣ-иқтисодии дастгоҳҳои истеҳсолӣ, хӯрдашавӣ ва фарсудашавии таҷҳизоти инфрасохторӣ, норасогии объектҳои муосири техникию технологии объектҳои инфрасохторӣ, номутаносибии арзаю тақозо ва сатҳи қонеъгардонии талаботи бозорро мушоҳида намудан мумкин аст, ки зарурати гузаронидани саривақтии таҳқиқоти илмиро тақозо менамояд.

Дар автореферати диссертатсияи Каримов Р.И. маҳорати хуби муҳаққиқӣ, масъалагузории дуруст, муколламаи фарзия ва назарияҳои таҳавулёбанда, таҳқиқи таҷрибаи муваффақи хориҷӣ, ҳамзамон асоснок намудани татбиқи паҳлӯҳои муфиди онҳо дар бозори энергетикии Тоҷикистон, истифодаи усулҳои анъанавии таҳлилу арзёбии иқтисодии вазъи муосири рушди бозори энергетикӣ, таҳияи модели иқтисодӣ-риёзӣ, пешниҳоди шакли нави ҷалб ва идоракунии сарчашмаҳои сармоягузорӣ,

гузаронидани озмоиши таҳқиқотӣ ҷиҳати асоснок намудани натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот, инчунин тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот аз аҳаммияти баланди илмию амалӣ доштани кори таҳқиқотӣ шаҳодат медиҳад.

Интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи таҳқиқотӣ собит менамояд, ки ӯ палҳӯҳои назариявӣ ва илмии рушди инфрасохтори бозори энергетикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи тобишҳои мунтазами вазъи бозорҳои энергетикии ҷаҳонӣ таҳқиқ намуда, мувофиқи муқаррароти асосӣ 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 адад мақолаҳои илмиро дар чорабиниҳои илмии сатҳи ватанӣ ва хориҷӣ рӯйи чоп овардааст.

Бо назардошти риояи талаботи таҳияи рисолаҳои диссертатсионӣ вазифаҳои гузошта шуда иҷро гардида, мақсади интихоб гардида натиҷагирӣ шуда, навгониҳои илмӣ ба даст оварда шудааст.

Ғайр аз натиҷаҳои муфиди назариявӣ ва илмию амалӣ дар автореферати диссертатсия чунин саҳлкорию ва нуқтаҳои баҳсшавандаро ҳамчун эрод нишон додан мумкин аст:

1. Дар саҳифаи 19 автореферат бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи хориҷӣ аз тарафи муаллиф асоснок карда шудааст, ки таҷрибаи Иёлоти муттаҳидаи Амрико дар истифодаи методи либерализатсияи бозори энергетикӣ ва истифода аз таҷрибаи низоми энергетикии Федератсияи Россия- истифодаи ҳамгироии объектҳои инфрасохторӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид хоҳад буд. Хуб мебуд, агар муаллиф механизми татбиқи таҷрибаи хориҷиро бо назардошти хусусиятҳои минтақавии бозори энергетикии мамлакат асоснок менамуд;

2. Тавзеҳот ва баёни мақсади асосии таҳияи расмҳои 3 ва 4 дар автореферат нокифоя буда, алоқамандӣ ва вобастагии унсурҳои асосии истеҳсол, истеъмол ва нархи энергияи электрикӣ дар бозори энергетикии Тоҷикистон инъикоси илмии худро пайдо накардаанд.

Умуман эродҳои баёнгардида ба моҳияти асосӣ ва мазмуни таҳқиқотии диссертатсияи муаллиф таъсири манфӣ намерасонад.

Аз таҳлили автореферати тақризшаванда бар меояд, ки диссертатсия ба бандҳои Шиносномаи тахассусҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6D050600 - Иқдисодиёт (6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пурра мутобиқат менамояд.

Дар маҷмуъ кори диссертатсионии тақризшаванда мустақиман анҷомдода шуда буда, аз руйи натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии худ ҷавобгӯй ба талаботи муқарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Бинобар ин арзанда аст, ки ба муаллифи он Каримов Рустам Илҳомович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодёт (6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад.

**Тақриздиҳанда,**

**н.и.и., дотсент, муовини ректори ДТТ оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ**
**Ғафоров Ф.М.**

**Имзои Ғафоров Ф.М. – ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори Раёсати КК ва Н ДТТ**
**Раҳматуллои Нусратулло**

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н.Қаробоев 63/3,
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Телефон: +992(37) 234-79-87
Факс: +992(37) 234-79-88

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техники Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо -10.

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст**

Масъалаҳои рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ҷиҳати таъмини истиклолияти энергетикӣ ва устуворгардонии заминаҳои рушди мутавозини иқтисодиёт, инчунин истифодаи оқилонаи иқтидорҳои энергетикӣ сармашқи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст. Мусаллам аст, ки вобаста ба меъёрҳои техникӣ ва иқтисодӣ ҳамасола иқтидорҳои ёрирасони объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ коҳиш ёфта, ҳамзамон самаранокии истеҳсол, интиқол ва хизматрасониҳои соҳа мураккаб гардида истодааст. Чунин вазъият водор менамояд, ки дар баробари сохтмони нерӯгоҳҳои хурду бузурги энергияи электрикӣ ташкили объектҳои инфрасохтории муассир ва роҳандозӣ намудани шаклҳои инноватсионии интиқолу хизматрасонӣ дар бозори энергетикӣ саривақтӣ ва мубраммияти мавзуи таҳқиқотиро бо назардошти ақидаҳои назариявии нав, таҳия ва татбиқи усулҳои муосири илмӣ, инчунин гузаронидани озмоишҳои таҷрибавӣ асоснок менамояд.

Аз мухтавои автореферати диссертатсия маълум мегардад, дар кори таҳқиқотӣ масъалаҳои умдатарини рушди бозори энергетикӣ дар шароити тағйирёбии ғайричашмдошти сохтори бозори ашёвӣ ва энергетикӣ таҳқиқ гардида, натиҷаҳои хуби илмию назариявӣ ва навгониҳои илмии аҳаммияти назариявӣ, илмӣ ва амалӣ ба даст оварда шудааст. Аз ҷумла, вобаста ба назарияҳои мавҷуда ва методологияҳои илмӣ васеъгардонии ҷузъиёти назариявии рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ва таҳияи модели иқтисодӣ-риёзии рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат аҳамияту ҷолибияти илмӣ дорад. Инчунин, ташкилу ташаккули инфрасохтори алтернативии нерӯгоҳи барқии хурди офтобӣ, гузаронидани озмоиши илмӣ-амалӣ ҷиҳати асоснок намудани муқаррароти илмӣ ва пешниҳоди ақидаҳои асоснок карда шуда, оид ба истифодаи методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон ҷиҳати таҳияи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавӣ ҳам аҳаммияти калон дорад.

Бахусус муаллиф тавассути методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзалияти бештари нерӯгоҳи хурди барқии офтобиро нисбат ба дигар вариантҳои мавҷуда (хатҳои интиқоли барқ ва нерӯгоҳи дизелии барқӣ) дар суроғаи муайян озмоиш намуда, самаранокии иқтисодии объектҳои инфрасохтори нерӯгоҳи хурди барқии офтобиро бо ҳисобҳои иқтисодӣ ва молиявӣ муқоиса ва озмоиш намуда, натиҷабардорӣ намудааст, ки тавасути чунин метод имконияти коҳиш додани арзиши аслии 1 кВт*соат энергияи электрикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 0,12 сомонӣ расонида шавад (с.32).

Ичрониши вазифаҳои гузошташуда, ноилшавӣ ба мақсади асосӣ, натиҷаҳои самарабахши навгониҳои илмӣ, интишорот аз рӯйи мавзӯъи таҳқиқот, хулоса ва натиҷаҳои илман асоснок карда шуда, инъикоси пурраи худро дар диссертатсия паёдо намудаанд.

Дар баробари манфиатбахшии илмию амалӣ доштани натиҷаҳои диссертатсия, инчунин як қатор норасоӣ ва камбудиҳоро низ дидан мумкин аст:

1. Дар боби якуми диссертатсия, муаллиф методологияҳои гуногунравишро ҷиҳати рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ баррасӣ намуда, ҳамзамон методологияи инфиродии худро ҷиҳати гурӯҳбандии шаклҳо ва хусусиятҳои хоси объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳия намудааст. Баъдан дар зербобҳои минбаъда аҳаммият ва зарурати методологияи таҳия карда шуда инъикоси пурраи худро наёфтааст.

2. Навгонии шашуми муаллиф-самаранокии иқтисодии ташкили объекти инфрасохтори неругоҳи барқии хурди офтобӣ ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативӣ дар асоси гузаронидани озмоиши иқтисодӣ-риёзӣ мебошад. Аммо, истифодаи кадом ҳисобҳои иқтисодӣ-риёзӣ, муқоисаи кадом натиҷаҳои илмӣ ё нишондиҳандаву маҳакҳои иқтисодӣ мушаххасан нишон дода нашудааст.

3. Хуб мебуд, агар муаллиф хулосаву тавсияҳои амалии натиҷаи таҳқиқотро кӯтоҳ ва машаххас намуда, пешниҳод менамуд.

Дар маҷмуъ, эродҳои муайян карда шуда, сифати иҷроканди кори анҷомдода шударо паст намекунад. Диссертатсияи тақризшаванда ба талаботи муқаррар кардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори мустақиман анҷом дода шуда буда, навгониҳои аҳаммияти илмию амалӣ дошта, ба талаботи муқarrаргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй мебошад.

Бинобар ин Каримов Рустам Илҳомович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодӣ (6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) арзанда мебошад.

Ходими пешбари илмии
Маркази рушди инноватсионии илм
ва технологияҳои нави АМИТ,
н.и.и. Расулов С.

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ Расулов Сабурро тасдиқ менамоям

Нозири калони кадр Саидова С.Б.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734025, х. Рудакӣ 33, Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АМИТ
Тел: (+992) 93 511 98 32, E-mail: sabur.rasulov@mail.ru

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгохи техникии Точикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.
( 734042, Чумхурии Точикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикхо Рачабовхо -10 а.)

**ТАКРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Рустам Илхомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Чумхурии Точикистон», барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иктисодиёт (6D050607 – Иктисодиёти саноат ва энергетика)**

Дар шароити муосири густариши муносибатхои иктисоди бозорӣ ташаккули чанбахои институтсионалии рушди объектхои инфрасохтори бозори энергетикӣ, бахусус энергетикаи оби баркӣ, аз чумла барои фаъолгардонии афзалиятноки саноати энергетика чихати чустучӯи усулхои илмию тахкикотӣ мубрам гардида истодааст. То имрӯз, доир ба масъалахои ташкилӣ-институтсионалӣ, такмилдихии механизми идоракунӣ, ташаккули унсурхои асосии бозори энергетикӣ аз тарафи мухаккикони ватанӣ тахкикоти зиёд бурда шуда, ба рушди саноати энергетикии мамлакат ба таври гуногун таъсири мусбӣ расонидаанд. Аммо, тахкики хисоби муайян ва пайдо намудани роххоиконеъгардонии талаботи ахолӣ ва иктисодиёти мамлакат бо энергия, бахусус энергияи электрикӣ, омӯзиш ва муайянсозии омилхои таъсирасон, натичагирӣ аз тахлилхои иктисодӣ чихати чорачӯйи намудани рушди минбаъда, бахусус гузаронидани озмоишхои вокеӣ барои пайдо намудани вариантхои самараноки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Чумхурии Точикистон ба таври пурра халлу фасли худро наёфтаанд. Аз ин сабаб, хамаи ин масъалахо мухимияти мавзуи кори тахкикотиро асоснок менамояд.

Дар автореферати диссертатсияи Каримов Рустам Илхомович мухтавои асосӣ, аз чумла васеъгардонии фахмиши илмию назариявии рушди инфрасохтори бозори энергетикии мамлакат, натичагирӣ аз тахлили аналитикӣ, бо назардошти пайдо намудани самтхои афзалиятноки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дарч гардида, хулоса ва тавсияхо оид ба истифодаи амалӣ чамъбасти мантикии натичахои ба даст овардашударо асоснок менамояд.

Тавсифи умумии тахкикот тибки талабот ва меъёрхои мукарраргардида тахия гардидааст. Дар кисмати асосии тахкикот ахаммият ва дарачаи тахияи мавзуъ, максад ва вазифахо, объект ва мавзуи тахкикот, фарзияи тахкикот, асосхои назариявӣ ва методӣ, заминаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натичахои тахкикот, навоварии илмӣ, ахаммияти назариявӣ ва амалӣ, тасдики натичахои кор, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст.

Вокеан, дар автореферати такризшаванда сабки нави гузаронидани кори илмӣ, ошкорсозии фарзияхои мураккаби илмӣ, тахлили акидахои назариявӣ ва бидуни методхои мукаррарии тахкикот, истифодаи методхои мушохидавию мукоисавӣ ва озмоишӣ мушохида мегардад. Бахусус, муаллиф маълум намудааст, ки шаклхои асосии корхои ёрирасони инфрасохтори бозори энергетикӣ вобаста ба микдор ва шумораи зиёдашон вазифаи муайянро

ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда ичро менамояд. Дар натиҷаи таҳқиқи равишҳои методии гуногунсамт ва гуногунпаҳлӯ объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро гурӯҳбандӣ намудааст. Инчунин, таваccути методологияи муаллифӣ барои содлагардонии тасаввуроти илмию амалӣ, ҳамзамон муайянсозии иҷрои вазифаи онҳоро аз рӯйи таъиноти функсионалӣ дар бозори энергетикӣ ҷудо намудааст (сах.16).

Дар баробари ин, автореферати диссертатсия аз баъзе норасоиҳо ва камбудиҳо орӣ нест. Дар миёни онҳо, метавон ба норасоиҳо ва камбудиҳои зерин ишора намуд:

1. Муаллифи автореферат муайян намудааст, ки вобаста ба тавсифҳои ҷаҳонии инфрасохтори бозори энергетикӣ имкониятҳои моделсозӣ ва ояндабинии вазъи бозори онро чӣ дар марҳилаи истеҳсол ва чӣ дар марҳилаи пешниҳоди кору хизматҳо маҳдуд менамояд, ки имрӯзҳо соҳаи энергетикаи Тоҷикистон дар чунин вазъият қарор дорад. Мутаассифона ба назар мерасад, ки равандҳо ё омилҳои маҳдудкунандаи имкониятҳои моделсозӣ ва оядабинии вазъи бозори энергетикӣ тавсеҳоти мушаххас нагардидааст;

2. Дар саҳифаи 19 сохтори истеъмолии энергияи электрикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон-дар соҳаи саноат 3818 млрд. кВт*с., сохтмон 0.03 млрд. кВт*с., кишоварзӣ 2225 млрд. кВт*с., аҳолӣ 5.90 млрд. кВт*с., талафоти барқ бошад 3.90 млрд. кВт*с. оварда шудааст. Баъдан, дар сархатҳои дигари автореферат мушахассоти дигар масъалаҳо оварда шудааст.

3. Матни автофрефрати диссертатсия хуб таҳия карда шудааст, аммо дар баъзе саҳифаҳо хатогиҳои имлоӣ ба назар мерасад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Каримов Рустам Илхомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи асосӣ ва феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6 тасдиқ шудааст мутобиқ ва ҷавобгӯй мебошад. Бинобар ин, арзанда мешуморам, ки ба муаллифи он Каримов Рустам Илхомович дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодӣ (6D050607- Иқтисодиёти саноат ва энергетика) дода шавад.

Декани факултети иқтисод
ва идора н.и.и., дотсент  Ғафорзода Ҷ.Г

Имзои Ғафорзода Ҷ.Г тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С.Айнӣ  Мустафозода А

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

ДДОТ ба номи С.Айнӣ тел: +992 ... 224-13... эл.почта-E-mail: info@tgpu.tj

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.
(734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 10)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст**

Ташкилу таҷдид ва тақвиятбахшии фаъолияти кории объектҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ дар ҳама моделҳои иқтисодӣ кафолатдиҳандаи рушди муътадили соҳаҳои хоҷагии халқ арзёбӣ гардида, дар доираи сиёсати энергетикӣ масъалаҳои рушди бозори энергетикӣ татбиқкунандаи барномаҳои бехатарии иқтисодӣ, амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки рушди бозори энергетикӣ дар доираи масъалаҳои аввалиндараҷаи аҳаммияти стратегидоштаи ҳамаи давлатҳо, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Вобаста ба ин, дар асоси афзоиши табиии аҳолӣ ва зиёдшавии ҳаҷми талабот ба энергияи электрикӣ, ҳамзамон зиёд гардидани сарбории энергияталабии соҳаҳои иқтисодиёт мубрамӣ ва саривақтии таҳқиқоти ҳамин мавзуъро бо назардошти натиҷагирӣ аз мубоҳисаҳои назариявӣ, равишҳои методологии гуногунаҳамият, таҳияи методҳои муассир ва ташаккули рушди инфрасохтори бозори энергетикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд.

Аз шиносоӣ бо сохтор ва мазмуни автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки дар доираи талаботу меъёрҳои муқарраргардида асосҳои назариявӣ-методии ташаккули инфрасохтори бозори энергетикӣ мазмуни илмию таҳқиқотии худро ба пурраги ёфта, вазъи муосири рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳлил гардида, натиҷагирӣ карда шуда, инчунин самтҳои афзалиятноки ташаккули инфрасохтори энергетикии мамлакат муайян карда шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо, муҳтавои асосии натиҷаҳои ба дастовардашудаи аҳамияти назариявӣ, илмӣ ва амалидоштаи таҳқиқотро инъикос менамояд.

Муаллиф, дуруст муайян намудааст, ки ҷузъиёти инфрасохтории бозори энергетикӣ на танҳо дар рушди бозори энергетикӣ, балки ҳамчун заминаҳои асосии татбиқи ҳадафҳои миллӣ ва дар таъмини муътадилияти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зоҳир мегардад (саҳ.18). Инчунин, тибқи мушоҳидаи шахсӣ ошкор намудааст, ки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ бо манфиатҳои миллӣ ва ба сиёсати давлат дар самти бехатарӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ рабт дошта, ҳамзамон, барои бартараф намудани таъсири манфии омилҳои мавҷуда давлат ҳамчун субъекти асосӣ бaромад менамояд (саҳ.24).

Дар баробари нуктаҳои ҷолиби илмӣ ва натиҷаҳои нави илмию назариявӣ ва амалии ба даст овардашуда, дар автореферати диссертатсия чунин камбудиҳо ва норасогиҳоро дидан мумкин аст:

1. Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 10-и автореферат исбот карда шудааст, ки фаъолгардонии ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикии

офтобӣ метавонад арзиши аслии истеҳсоли 1 кВт*с. барқро дар бозори мамлакат ба 0,12 сомонӣ расонида, дар оянда ҳамчун варианти инфрасохтори алтернативию эҳтиётӣ бо объектҳои энергетикаи обӣ рақобат намояд. Механизмҳои татбиқ ва роҳу усулҳои асосии ба даст овардани чунин натиҷаҳо дар автореферат дақиқ нишон дода нашудааст;

2. Дар автореферат методи муқоисавии техникӣ-иқтисодии ташкили объектҳои инфрасохтори бозори энергетикии Тоҷикистон ба таври озмоишӣ, дар суроғаи Вилояти Суғд, водии Ягноб, н. Айнӣ, ҷ\д. Анзоб деҳаи Хишортоб гузаронида шудааст. Асоснок намудааст, ки дар байни онҳо се намуди асосӣ вариантҳои муфид аст ва муаллиф, танҳо варианти дуюми озмоишро нишон дода, маблағи сармоягузориро барои ташкили инфрасохтори энергетикӣ-нерӯгоҳи барқӣ – офтобӣ (НБОф) дар ҳаҷми 54700 сомонӣ муайян кардааст. Аммо, дар автореферат муҳтавои асосӣ, мақсади озмоиши илмӣ, инчунин тавзеҳоти вариантҳои якум ва сеюм оварда нашудааст.

Эродҳои мушоҳидагардида бартарияти илмӣ ва афзалияти амалии рисолаи илмии анҷомдодашударо коҳиш намедиҳад ва диссертатсия аз ҷиҳати мазмуни натиҷаҳои илмию амалӣ ҷиҳати рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқат менамояд.

Дар маҷмуъ аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Каримов Рустам Илҳомович ҳангоми таҳияи рисолаи илмӣ дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», қобилияти баланди эҷодӣ нишон дода, натиҷаҳои илмӣ, назариявӣ ва амалии нави таҳқиқотиро ба даст овардааст. Автореферати диссертатсия ба талаботи Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 - Иқтисодиёт (6D050607 - Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

Директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ, д.и.и. Бобозода К.О.

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ Бобозода Комил Олимҷонро тасдиқ менамоям

Инспектори калони кадрҳои
ИИД АМИТ Фирӯза Аюбӣ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734024, Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, кӯчаи Мирзо Ризо 6А.

Тел/факс (+992 37) 221-67-50, E-mail: info@ied.tj Сайт: www.ied.tj

Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015
назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С. Осимӣ.
( 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо -10 а.)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Каримов Рустам Илҳомович дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст**

Бозори энергетика дар сохтори соҳавии иқтисодиёт мавқеи калидӣ дошта, ҳамчун ҳамоҳангкунанда ва таъминкунандаи фаъолияти мунтазами субъектҳои иқтисодӣ дониста шуда, ҳамзамон рушди устувори ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд. Бо мақсади иҷроиши вазифаҳои функсионалии бозори энергетикӣ рушди инфрасохтори он на танҳо нақши ёрирасону таъминкунандаи фаъолияти мунтазами онро таъмин менамояд, балки рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ сатҳи қонеъгардонии талаботи истеъмолкунандагон ва маҷрои дурусти рушди иқтисодӣ ва иҷтимоиро муайян менамояд.

Дар ҳошияи татбиқи ҳадафи олии мамлакат-таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ ҳукумати мамлакат тавассути ташаббусҳои алоҳида, лоиҳаҳои давлатӣ ва барномаҳои соҳавӣ ҳамасола иқтидорҳои энергетикии мамлакатро тавассути сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ, таҷдиди техникии объектҳои инфрасохторӣ, татбиқи инноватсияҳо дар хизматрасонии соҳа, рақамикунонии равандҳои таъмин ва истифодабарии энергияи электрикӣ афзоиш дода, ҳамзамон дар баробари ин мавзуъ муҳаққиқони ватанӣ корҳои илмию таҳқиқотии гуногунравия гузаронидаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои таъмини аҳолӣ бо энергияи электрикии дастрасу арзон, истифодаи иқтидорҳои энергетикии алтернативӣ ва захираҳои барқароршавандаи энергия то имрӯз мушкилоти ташаккул ва рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ ҳалли пурраи худро пайдо накардааст.

Ташкили объектҳои инфрасохтори энергияи электрикӣ аз ҳисоби энергия барқароршаванда, бахусус аз энергияи офтобӣ, таҷдиди техникӣ ва технологии объектҳои инфрасохторӣ, ки бо сабаби давра ба давра ба охир расидани муҳлати истеҳлок ва фарсудашавии мавсимии дастгоҳу таҷҳизот, пайдо намудани сарчашмаҳои молиявӣ ва татбиқи инноватсияҳои муассир дар лоиҳаҳои инфрасохтори бозори энергетикӣ таҳқиқоти илмию назариявӣ ва таҳияву татбиқи методҳои илмии таъминкунандаи самаранокии фаъолияти объектҳои инфрасохтори бозори энергетикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақозо менамояд.

Аз муҳтавои асосии автореферати Каримов Рустам Илҳомович муайян намудан мумкин аст, ки вобаста ба муҳимият ва васеъ будани доираи таҳқиқоти мавзуъ сохтори дурусти гузаронидани кори илмӣ-

таҳқиқотӣ таҳия карда шуда, бо риоя аз принсипҳои пайдарҳамии мантиқӣ муҳтавои асосии он дуруст ва ҷолиб таҳия карда шудааст. Дар ин асос, навгониҳои илмӣ дар таҳияи муқарраротӣ назариявӣ, методӣ, тавсияҳои амалӣ оид ба рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси худро ёфтаанд. Муаллиф бо сабки хоса методҳои муассири илмиро истифода намудааст, ки натиҷагирии онҳо ҷолибияти илмию амалӣ ва эътиборнокии натиҷаҳои ба дастовардашудаи диссертатсияро асоснок менамояд.

Сохтори автореферати диссертатсия муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифта, тибқи талаботҳои муқарраргардида таҳия карда шудааст.

Новобаста аз бартариятҳои назариявӣ, илмӣ ва амалӣ дар автореферат баъзе норасогиҳо дида мешавад:

1. Дар саҳифаи 17 афтореферати диссертатсия расми шаклҳои асосии кору хизматҳо вобаста ба таъинот ва принсипҳои иштирок дар бозори энергетикӣ тасвир гардидааст. Мутаассифона шарҳу маънидодкунии он аз тарафи муаллиф дар ҳаҷми лозима баён нагардидааст;

2. Муаллиф дар қисмати таҳлилии диссертатсия ояндабинии рушди бозори энергетикии Тоҷикистонро дар солҳои 2024-2030 нишон додааст. Аммо муҳлати кӯтоҳи интихобшудаи муаллиф барои ояндабинии рушди бозор асоснокии иловагиро тақозо менамояд.

Бояд қайд кард, ки камбудиҳои эродгирифташуда, аҳаммияти коҳишдиҳии арзиши илмии диссертатсияи тақризшавандаро надорад.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи «Рушди инфрасохтори бозори энергетикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) пешниҳод шудааст ба талаботи муқарраротӣ КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он Каримов Рустам Илҳомович сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мебошад.

**Муқарриз:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**муовини ректор оид ба робитаҳои**
**байналмилалии Донишгоҳи давлатии**
**ҳуқуқ бизнес ва сиёсати Тоҷикистон** **Ризозода Тӯра Раббим**

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд шаҳҳри Хуҷанд ,17-мкр-н, хонаи 1, Телефон: (+992) 3422 23594 E-mail: t rizokulov@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Тура Раббимро тасдиқ мекунам,
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус Бобоев А. Х.

ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН